## ТАҚРИЗ

ба кори диссертатсионии Зувайдов Маҳмадулло Маҳмасолиевич дар мавзӯи “**Ҳолати техникӣ – коршоямӣ ва зилзилатобоварии нақби гидротехникии Данғара**“ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.23.00 – Сохтмон ва меъморӣ (05.23.07 - Сохтмони гидротехникӣ)

Яке аз самтҳои калидии рушди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъкунии системаи ирригатсионӣ ва азхудкунии заминҳои бекорхобида ба ҳисоб меравад. Бинобар он ба ин самт ҳамчун муайянкунандаи асосии рушди хоҷагии халқ дар муддати зиёда аз ҳафтод сол диққати ҷиддӣ дода мешавад. Дар сатҳи ҷумҳурӣ барномаҳо ва стратегияҳои гуногун оид ба муҷаҳҳаз ва бунёди системаҳои ирригатсионӣ (обёрии замин) бо рӯй овардан ба рушди нақши комплекси агросаноатӣ қабул шудаанд. Дар давоми солҳо (гузариш аз даврони шӯравӣ ба истиқлолият) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтмони шабакаҳои обёрикунанда ва азхудкунии заминҳои нав фаъолона сурат гирифт, ки дар ин самт таҷрибаи назаррас ҷамъоварӣ гардид.

Бояд қайд намуд, ки барои ноил шудан ба мақсади пешбинишуда ва самаранок истифода бурдани иқтидори истеҳсолии ҷумҳурӣ омили беруниро, ки ба иҷрои вазифаҳои ба миён гузошташуда таъсири манфӣ расонда метавонад, ба назар гирифтан лозим аст. Яке аз чунин омилҳо таъсири қувваҳои зилзилавӣ мебошад.

Ҳангоми сохтмони иншоотҳои муҳандисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омили зилзилавиро ба инобат гирифтан лозим меояд, чунки ҷумҳурии мо дар минтақаи фаъоли зилзилавӣ қарор дорад. Ин омил барои лоиҳакашон ва сохтмончиён талаботҳоеро пеш меорад, ки бояд як қатор шартҳои иловагиро вобаста ба лоиҳакашии иншоотҳои гидротехникии зеризаминӣ ба инобат гиранд.

Ҳамин тавр, ҳолатҳои дар боло зикршуда зарурати гузаронидани таҳқиқотҳои навро ба миён меоранд, ки барои такмил додани лоиҳакашии сохтмони иншоотҳои гидротехникӣ ва обгузарон дар минтақаҳои хавфноки зилзилавӣ барои таъмини эътимоднокӣ ҳангоми истифодабарии онҳо яке аз вазифаи хеле муҳим ба шумор меравад.

Унвонҷӯ натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсиониашро дар 23-мақолаи илмӣ ҷойгир кардааст, аз ҷумла 9 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст.

Диссертатсияи номзадии Зувайдов М.М. дар 154 саҳифаи матни компютерӣ пешниҳод шудааст, ки аз он 133 саҳифааш матни асосӣ буда, он аз муқаддима, 4 боб, хулосаҳо, тавсияҳо оид ба ҷорӣ кардани дастовардҳои илмӣ дар истеҳсолот иборат мебошад. Дар диссертатсия 7 ҷадвал, 60 расм ва 3 замима низ дарҷ шудааст. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 123 номгӯйро дар бар мегирад, ки 20-тои он бо забонҳои хориҷӣ мебошад.

Дар муқаддима ва тавсифи умумии кор мубрамияти мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои кори диссертатсионӣ фаҳмонида шудаанд ва аҳамияти илмию амалии онҳо дида мешавад.

***Дар боби якум ва дуюми*** кори диссетатсионӣ «Нақби гидротехники Данғара ҳамчун иншооти муҳими иригатсионӣ» таҳлили маълумот оид ба тавсифи нақби гидротехники Данғара оварда шудааст, ки дар он санҷиши аксуламалҳо ба заминҷунбиҳои гуногун бо дарназардошти меъёрҳо ва тахрезиҳо, инчунин муқоисаи лоиҳаҳои дар ҳудуди Иттиҳоди Давлатҳои Муштаракулманофеъ қабулшударо дар бар мегирад. Дар боби якуми кори диссертатсионӣ таҷрибаи сохтмони нақби гидротехники Данғара, ҳамчун қисми таркибии гиреҳи гидротехникӣ НБО-и Норак оварда шудааст. Инчунин санҷиш ва ҳолати техникӣ-коршоямии ин иншооти бузурги гидротехникӣ нишон дода шудааст.

Дар боби дуюм «Талаботи техникӣ нисбат ба нақбҳои гидротехникӣ ва сабабҳои корношоямии онҳо» маълумоти мушаххас мутобиқи стандарти мавҷудбуда оиди ҷинсҳои кӯҳие, ки ҳамаи намудҳои хокҳоро дар бар мегирад, оварда шудаанд, инчунин ташкилкунандаҳои техногенӣ ва боқимондаро, ки ҳамчун элементҳои муҳити геологӣ барои фаъолияти муҳандисӣ аҳамияти калон доранд, таҳқиқ карда шудааст. Зери мафҳуми «массиви хокӣ» ҳаҷми хокеро мефаҳманд, ки барои корҳои муҳандисӣ истифода бурда мешавад. Ин массив ҳамчун асос барои биноҳо ва иншоотҳо, инчунин барои истеҳсоли хишт ба сифати масолеҳи сохтмонӣ ва барои сохтмони объектҳои зеризаминӣ, ба монанди нақбҳо истифода мешаванд.

***Дар боби сеюм ва чорум*** «Ҳисоби амсиласозии математикии нақби обгузарон дар мисоли D-1 нақби НБО-и Роғун» ба омӯзиши амсиласозии математикии нақби обгузарон дар мисоли D-1 НБО-и Роғун бахшида шудааст. Дар асоси натиҷаҳои ба дастомада камшавии ҷамъшавии шиддат ва зиёдшавии ғафсии тахтасанги зери нақб, армиронӣ, ҳангоми лоиҳакашӣ иншооти гидротехникӣ асоси ғафсии тахтасанг то 5 м дақиқ карда шудааст.

Дар боби чорум «Зилзилатобоварии қубурҳои обгузарон ва пешниҳодҳо барои интихоби рӯйпӯшкунии конструксияи зилзилатобовар» муаллиф конструксияҳои васлшавандаро дар намуди иншооти обгузарони шакли аркаги пешниҳод намуда, нахустпатент ба даст овардаст, ки дар муқоиса бо қубурҳои васлшавандаи даврашакл як қатор афзалиятҳоро дорад. Конструксияи зилзилатобовари патентшуда аз се унсури васлшаванда иборат мебошад: 1 – арка, 2 – деворҳои такягоҳӣ ва 3 – таҳкурсии дандонадор, ки метавонанд вобаста аз шароити хоки замин ва дараҷаи нишебии таҳкурсӣ, васлшаванда ё монолитӣ бошанд. Инчунин ҳисоби амсиласозии ракамии тартиби кори ҷараёни симметриявии оби дарвозаи шандорӣ дар мисоли нақби дериватсионӣ D1 НБО -и Роғун дида баромада шудааст. Қайд кардан

лозим аст, ки байни пайвастҳои арка ва тамбадеври конструксияи пешниҳодшуда қабати фторопласти $F_4$ тавсия дода шудааст.

Кори диссертатсионии Зувайдов М.М. аз навгониҳои илмии зерин иборат мебошад:

1. Омилҳои геологӣ, ки (литологияҳои гуногун ва тавсифоти массиви ҷинсҳои кухӣ) ба хосиятҳои мустаҳкамии ҷинсҳои массиви кухӣ дар ҳудуди нақби гидротехникии Данғара таъсир мерасонанд.

2. Амсиласозии рақамии ҳолати шиддатнокӣ – шаклдигаркунӣ нақби обгузарон дар мисоли D-1 НОБ – и Роғун ва коркарди пешниҳодҳо оиди зиёдкунии ғафсии тахтасанги зери нақб ва армиронии асоси тахтасанг то ғафсии 5 м тавсия шудааст.

3. Коркарди конструксияи зилзилатобовари намуди аркагии қубурҳои обгузарон пешниҳод кардааст.

4. Дар асоси мушоҳидаҳо ва таҳқиқотҳои пеш гузаронидашуда оиди интихоби намуди махкамкунӣ, бо дарназардошти элементҳои асосии онҳо, барои қитъаҳои гуногуни нақби гидротехникӣ, фарқияти аслии геометрӣ ва литологӣ арзёбӣ шудааст.

**Мутобиқатӣ ихтисос, номи мавзуъ, шиносномаи ихтисос ва мундариҷаи диссертатсия**.

Диссертатсия ба бандҳои 2 ва 3-уми шиносномаи илмии ихтисоси 05.23.00 – Сохтмон ва меъморӣ (05.23.07. – Сохтмони гидротехникӣ) мутобиқат мекунад:

2. Асосноккунии илмии усулҳои нави ҳисобкунӣ, лоиҳакашӣ, сохтмон ва истифодабарии иншоотҳои бетонии обнигохдории гиреҳҳои дарёӣ; такмилдиҳии усулҳои амсиласозии физикӣ ва математикии шароитҳои кории иншоотҳои гидротехникии бетонӣ дар шароитҳои гуногуни иқлимӣ; такмили заминаи меъёрии лоиҳакашии иншоотҳои бетонии гидротехникӣ.

3. Коркарди самтҳои нави пешгӯии ҳолати шидатнокӣ-шаклдигаркунии иншоотҳои гидротехникии зери фишор ва бефишор

қарор дошта; такмил додани усулҳои муайян кардани намудҳои гуногуни борҳои иншоотҳои гидротехникии дарёи, биноҳо ва турбинаҳои зеристгоҳи НБО; асоснок кардани роҳҳои баланд бардоштани эътимоднокӣ ва устувории иншоотҳои нақлиётию обӣ.

Натиҷаҳои ба дастовардаи Зувайдов М.М. таҳқиқоти илмӣ маҳсуб ёфта, хулосаҳояш бо далелҳо муфассал оварда шудаанд. Ҳолати асосии кори диссертатсия дар автореферат инъикос ёфтааст ва мақолаҳои нашрнамуда пурра ба кори мазкур таалуқ дорад.

Ҳангоми таҳлили диссертатсия ва автореферати кори мазкур баъзе эродҳо пайдо шуданд:

1. Дар диссертатсия саҳифаи 16, расми 1,1, ҳолати вайроншавии девору фаршӣ нақби обпартои Данғара пешниҳод шудааст, ки ин ҳолат чи асос дорад?

2. Дар автореферат саҳифаи 13, расми 10, ду намуди буриши кӯндалангии конструксияи нақбро пешниҳод намудед, фарқияти байни онҳо дар чӣ мебошад?

3. Конструксияи пешниҳоднамудаи иншооти гидротехникӣ васлшаванда буда, дар он фторопласт-$F_4$ барои чӣ истифода мешавад?

4. Дар афтореферат саҳифаи 13, намуди конструксияи пешниҳодшудаи аркагӣ, яклухт ё васлшаванда аст?

5. Дар автореферат баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ дида мешаванд.

Дар умум эродҳои овардашуда ба мазмуни аслии кории диссертатсионӣ халал ворид намекунанд ва ҷиҳати тавсиявӣ дорад.

Диссертатсияи унвончӯ дар мавзӯи “Ҳолати техникӣ – коршоямӣ ва зилзилатобоварии нақби гидротехникии Данғара“ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.23.00 – Сохтмон ва меъморӣ (05.23.07 - Сохтмони гидротехникӣ) пурра ҷавобгӯ мебошад.

Кори диссертатсионии Зувайдов Маҳмадулло Маҳмасолиевич ба талаботи “Низомномаи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва уновни илмӣ” (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз “30” июни соли 2021. №267) тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад ва муаллифи он барои сазовор шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.23.00 – Сохтмон ва меъморӣ (05.23.07 - Сохтмони гидротехникӣ), арзанда мебошад.

Муқарризи расмӣ, номзади илмҳои техникӣ,
дотсент, мудири кафедраи «Механикаи сохтмонӣ
ва иншоотҳои гидротехникӣ» Донишгоҳи
аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур Икромов И.И.

*Донишгоҳи аграрии Тоҷикитон*
*ба номи Ш.Шоҳтемур*
*734003, ш.Душанбе, хиёбони Рудакӣ 146*
*Tel./Fax.: (992-372) 24 72-07*
E-Mail.: rectortau31@mail.ru

*имзои н.и.т., дотсент Икромов И.И.-ро*
*тасдиқ мекунам,*

«03» 02 2025 с.

ШУЪБАИ ТАЪМИНОТИ ҲУҚУҚӢ ВА КАДРҲО / ОТДЕЛ ПРАВОВОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ И КАДРОВ — ДОНИШГОҲИ АГРАРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ ШИРИНШОҲ ШОҲТЕМУР * ТАДЖИКСКИЙ АГРАРНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ ИМЕНИ ШИРИНШОХ ШОХТЕМУР

Қурбонзода Л.Х.